**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ,
профессор ________ Убайдулло Н.К.
аз «___» 3. 05 ________ соли 2022

**ХУЛОСАИ**

**Шӯрои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ ба диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300-Таърих, ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ анҷом дода шудааст (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, E-mail: itaijt51@mail.ru).

Мавзӯи диссертатсия бо қарори №1 Шӯрои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ таҳти унвони «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» аз 09.02.2018 тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмии** Махсудов Аслиддин Муҳаббатович мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, номзади илмҳои таърих, дотсент **Ғафуров Абдулло Мутиллоевич** мебошад.

Махсудов Аслиддин Муҳаббатович соли 2016 магистратураи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “ҳуқуқшиносӣ” хатм намудааст. Номбурда соли 2017 дар шуъбаи таърихи навтарин шомили зинаи докторантураи фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 - Таърих, ихтисоси 6D020301-Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) гардида, онро соли 2020 хатм намудааст.

Ҳангоми таҳсил дар зинаи докторантураи фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 - Таърих, аз рӯйи ихтисоси 6D020301- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) талаботи нақшаи таълимиро пурра иҷро намуда, имтиҳони иловагӣ аз рӯйи ихтисос супоридааст ва маълумотномаи академӣ (транскрипт) №4-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистонро санаи 22.02.2021 гирифтааст.

Ҳуҷҷатҳои довталаб Махсудов А.М. - ариза ба номи директори Институт, нусхаи протоколи Шуъбаи таърихи навтарин тахти № 1 аз 18.01.2022 оид ба баррасии кори илмии Махсудов А.М., хулосаи маҷлиси шуъба дар хусуси дуруст ба расмият даровaрда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм, дастнависи диссертатсия, дастнависи автореферат, нусхаи интишороти Махсудов А.М. вобаста ба мавзӯи диссертатсия барои баррасӣ ба Шӯрои олимони Институт пешниҳод шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович аввалин таҳқиқоти муфассал оид ба «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» ба шумор меравад. Мавзӯъ аз ҷониби диссертант бо фарогирии ҷиҳатҳои гуногунаш мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Омӯзиши таърихи манотиқи алоҳидаи ҷумҳурӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии он аҳаммияти бузурги илмиро дорост. Аз тарафи дигар, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақа ва навоҳии алоҳидаи он хеле муҳимму саривақтӣ буда, аҳаммияти бузурги таърихӣ-кишваршиносӣ дорад.

Барои дарки илмии равандҳо ва падидаҳои мусбию манфии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, омӯзиши фаъолияти истеҳсолӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ аз масоили ниҳоят муҳимму рӯзмарра мебошад.

Дар робита ба ин омӯхтани масъалаҳои фаъолияти ҷамъиятию сиёсии шаҳрвандон, иштироки онҳо дар ҳалли мушкилоти вуҷуддоштаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа, дар маҷмӯъ ташаккул ва рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои водии Рашт низ истисно нест, аҳаммияти бузурги илмӣ дорад.

Инчунин, моҳияти баррасии мавзӯъ дар он аст, ки имкон дорад сабабҳои пастравии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва бахусус водии Рашт дар охири асри XX - аввали асри XXI муайян карда шавад. Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои рушди худшиносию худогоҳии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ шароит фароҳам меоварад.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқи илмии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Бояд қайд кард, ки то имрӯз доир ба ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият таҳқиқоти илмии хосса навишта нашуда, аммо доир ба таърихи навоҳии алоҳидаи минтақа солҳои охир якчанд асару мақолаҳое, ки бештар хусусияти публитсистӣ доранд, ба нашр расидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад таҳқиқ шудааст.

Бори аввал ба рӯйдодҳо ва далелҳои марбут ба таърихи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии навоҳии водии Рашт дар солҳои истиқлолият баҳои воқеӣ дода мешавад.

Дар ин замина хулосаҳои дар мундариҷаи диссертатсия мавҷудбударо муаллиф бо назардошти самаранокиаш барои ҳалли мушкилоти иҷтимоии соҳа баровардааст. Ҳамин тавр, масъалаҳои зерин ба сифати навгонии илмӣ дар диссертатсия муайян шудаанд:

- замина ва сабабҳои бӯҳрони иқтисодиву иҷтимоии навоҳии водии Рашт дар солҳои аввали истиқлолият таҳқиқ гардид;
- омилҳои суст тараққӣ кардани саноат, мушкилот ва дурнамои он дар минтақа омӯхта шуд;
- бори нахуст пешрафти соҳаи кишоварзии водии Рашт, мушкилот ва дурнамои он таҳлил гардид;
- вазъ ва рушди минбаъдаи низом (система)-и тандурустӣ таҳқиқ шуд;
- бори аввал зарурияти ислоҳоти мактабу маорифи навоҳии водии Рашт дар даврони истиқлолият баррасӣ шуд;
- нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар боло бурдани маърифати аҳолӣ муайян гардид;
- имконоти рушди сайёҳии водии Рашт, мушкилот ва дурнамои соҳа таҳқиқ шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки маводи дар он мавҷудбуда минбаъд дар навиштани асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик истифода шуда метавонад. Тавсияҳои илмии дар диссертатсия мавҷудбударо мақомоти давлатӣ барои таҳияи барномаҳои нав барои рушди минбаъдаи соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагии халқи минтақа метавонанд

истифода баранд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар таҳияи курси лексияҳо ва хондани курсҳои махсус доир ба таърихи халқи тоҷик барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ метавонад хизмат кунад. Дар асоси шумораи зиёди маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти нашргардида доир ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии навоҳии водии Рашт дар солҳои истиқлолият таҳқиқоти маҷмӯиро анҷом додааст. Мазмуни асосӣ, пешниҳоду хулосаҳои диссертатсия метавонанд зимни таълифи асарҳои ҷудогона оид ба таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол, хондани лексияҳо оид ба таърихи навини халқи тоҷик ва таҳияи барномаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии алоҳида доир ба водии Рашт истифода шаванд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** он аст, ки ӯ дар асоси шумораи зиёди маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти нашргардида доир ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии навоҳии водии Рашт дар солҳои истиқлолият таҳқиқоти маҷмӯиро анҷом додааст. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур, хулосаю навгониҳои илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Натиҷаи таҳқиқоти** мазкур, хулосаю навгониҳои илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд. Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 9 мақолаи нашрнамудаи муаллиф, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо ба шарҳи зер аст:

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**

**А) Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Махсудов, А.М. Аз таърихи таъсисёбии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт [Матн] /А.М. Махсудов //Муаррих – 2018. – №2 (14). – С.59-61. ISSN 2789294-8

[2-М]. Махсудов, А.М. Баъзе хусусиятҳои мардумшиносии аҳолии водии Рашт дар китоби “Таджики Каратегина и Дарваза” [Матн] /А.М. Махсудов //Муаррих – 2018. – №3 (15). – С.104-107. ISSN 2789294-8

[3-М]. Махсудов А.М. Рушди соҳаи фарҳанги ноҳияи Рашт дар давраи истиқлолият /А.М. Махсудов [Матн] //Муаррих – 2018. – №4 (16). – С.66-69. ISSN 2789294-8

[4-М]. Махсудов, А.М. Зарипов, Н., Иқтидор ва имкониятҳои туристии ноҳияи Рашт: мушкилот ва дурнамо [Матн] / А.М.Махсудов, Н.

Зарифов //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. – №4 (87). – С.243-245. ISSN 2219-5408.

**Б) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои дигар, маҷмӯаҳои илмӣ:**

[5-М]. Махсудов, А.М. Мудабиров, З.Б., Сатҳи инъикоси таърихи водии Рашт дар асари Эмом Муҳиддинов "Қисмате аз таърихи Рашти куҳан" [Матн] /А.М.Махсудов, З.Б. Мудабиров //Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2020. - №2 (010). - С.129.-133. ISSN 2076-2569

[6-М]. Махсудов, А.М. Пешвои миллат ва дурнамои ноҳияи Рашт дар замони истиқлолият [Матн] /А.М. Махсудов // Маводи конференсияи илмию назариявӣ: "Истиқлолият дастоварди бузурги миллати тоҷик" (Рашт, 5 сентябри соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 53-59.

[7-М]. Махсудов, А.М. Боғи миллии Тоҷикистон минтақаи ояндадори сайёҳӣ [Матн] /А.М.Махсудов //Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2020. – №3 (3). – С.122-125.

[8-М]. Махсудов, А.М. Зарифов, Н., Имкониятҳои сайёҳии ноҳияи Лахш: мушкилот ва дурнамо [Матн] /А.М.Махсудов, Н. Зарифов // Таърих, анъана ва дурнамои рушди ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ, ш.Душанбе, 28 ноябри соли 2020). – Душанбе, 2021. – С. 246-248.

[9-М]. Махсудов, А.М. Вазъи маорифи ноҳияҳои водии Рашт дар солҳои Истиқлолият (1991-2021). [Матн] //Истиқлоли давлатӣ: марҳалаи тақдирсоз дар сарнавишти халқи тоҷик (ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоқикистон) (Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ). Душанбе, 4 сентябри 2021. – Душанбе, 2021. – С. 362-377.

**Пешниҳоди диссертатсия ба** Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035:

1. Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (солҳои 1991-2021)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 - Таърих, ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҳамчун кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта ба талаботи муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) бо

назардошти пешниҳоду тавсияҳои муқарризон барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-035-и назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 23 нафар, аз ҷумла аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 13 нафар докторони илм.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:**

«ҷонибдор» -23 нафар

«муқобил» - нест

«бетараф» – нест

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Протоколи №4 аз 29. 04. 2022

**Раиси Шӯрои олимони Институт,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Убайдулло Н. К.**

**Котиби илмии Институт** **Маҳмудова М.М.**

**Муқарризони холис:**

Ходими калони илмии
шуъбаи таърихи санъат, н.и.т. **Ҳасанова М.М.**

Ходими пешбари илмии шуъбаи таърихи
қадим, асрҳои миёна ва нав, н.и.т. **Сайнаков С.П.**

Имзоҳои Убайдулло Н.К., Маҳмудова М.М., Ҳасанова М.М., Сайнаков С.П.-ро тасдиқ мекунам:

Нозири кадри Институт **Файзуллоева Г.Қ.**

2. 05. 2022 с.

**Суроға**:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
тел.: (99237) 221-37-42,
E-mail: itaijt51@mail.ru